НАСИМ РАҶАБ



# МАН ЗЕБОЯМ



*Набераяккони дӯстрӯйи ман!*

Хубӣ ба офтоб мемонад. Аз рафтор, гуфтор, кирдори хуб гармӣ ва нур мерезад.

Одами хуб будан ин беҳтарин бахт аст.

*Насим РАҶАБ*

НАСИМ РАҶАБ

200781

# МАН зебоям



ТҒД «Истиқбол»
2006с



Ба оина нигаҳ карда дилам сиёҳ мешавад: чашмони майда–майдаи фурӯрафта, мӯйҳои малларанг, бинии хурди базеб ва лабони ғафсамро мебинаму дилам таҳ мекашад: Худоё, ин қадар маро бенур офаридаӣ! Ман чӣ гуноҳ кардам?!

Хоҳарам Дилафрӯз бошад, баръакси ман аст, вай абрӯвони ҳилоливу чашмони шаҳло дорад. Рухсорааш беҷирму мусаффост. Ба бинии зебою мижгони дароз–дарозаш бо ҳасад менигарам. Вале зуд аз тамошояш дилгир мешавам, бо баҳонае аз мӯи сиёҳи нафисаш дошта мекашам. Вай хонаро ба сараш мебардорад.

–Ҳой Насиба, – маро коҳиш мекунад модарам, – чаро хоҳаратро озор медиҳӣ?

–Нохост дастам расид. Ин азизаконат аз пеши худ фарёд мезанад.

–Барои он ки аз пеши худ фарёд назанад, дасти туро бастан даркор! – Мегӯяд модарам.

–Чаро дасти маро? Беҳтар нест, ки даҳани ӯ баста шавад?

–Дасти туро бояд баст, то «нохост» ба ҳар кас нарасад!

Модарам маро ноҳақ ҷанг мекунанд. Мудом тарафи Дилафрӯзро мегирад. Сабабашро медонам: агар хушрӯ набошӣ, падару модарат ҳам дӯст намедоранд. Аз гапҳои модарам хафа мешавваму алам аз Дилафрӯз мегирам. Сахт телааш медиҳам, ки дар пеши дар афтад. Худ аз тарси он ки модарам ҷазо надиҳад, сӯйи кӯча мегурезам.

Дар кӯча касе аз дугонаҳоям ба чашм намерасанд. Амаки Ҳаким дар боғчааш машғули кор аст. Назди ӯ меравам.

Бошандагони ҳавлии мо заминҳои атрофро байни худ тақсим кардаанд. Қитъаи амаки Ҳаким аз дигар қитъаҳо зеботар аст. Гирди ҳотаи ӯро буттаҳои ҳамешасабз печондаанд. Дар ҳотаи ӯ ҳар гуна гулҳои хушрангубӯ мешукуфанд. Худи амаки Ҳаким кӯдаконро дӯст медорад. Гоҳо кати зери токи ӯ аз бачаҳо пур мешавад. Мо дар он ҷо суруд мехонему рақс мекунем ва латифаҳо мегӯем. Амаки Ҳаким рақсу бозиҳои моро бо шавқ тамошо мекунад, латифаҳоямонро шунида механдад. Худаш ҳам латифаҳо мегӯяд. Ҳозир вай, миқроз дар даст, гул мебуррад.

–Салом, амаки Ҳаким!

–Салом, Насибабону! Биё, биё, духтарҷон! Нағз ҳастӣ? Чаро хафа менамоӣ?

Ман дар ҷавоби ӯ чизе гуфта наметавонам ва хомӯшона ба лаби кат менишинам.

–Чаро гап намезанӣ, ҷони амак? Ту, охир, ин хел хаппак набудӣ–ку? Чӣ шуд ба ту?

Қарор медиҳам, ки ба ӯ рости гапро гӯям. Охир, вай дӯст ва маслиҳатгари мост. Вай мегӯяд, ки одам бояд дар сари дастархон ва ҳангоми сӯҳбат бо одамон даст ба рӯю бинӣ набарад, бо овози баланд гап назанад, дар назди мардум ва дар сари роҳ туф накунад.

–Амакҷон, чаро хафа набошам? Бинед, ман чӣ хел безебам! – Ман аз алам сар хам мекунам ва ба гиря кардан тайёр мешавам.



–Ба ман нигар, – мегӯяд амаки Ҳаким ва дуру дароз ба чашму рӯям зеҳн мемонаду мепурсад: – кӣ гуфт, ки ту зебӣ?

–Худам медонам.

–Худат аз куҷо медонӣ?

–Ба оина нигаҳ мекунам…

–Ба оина нигоҳ мекунӣ? – Сухани маро саволомез такрор мекунад амаки Ҳаким ва меафзояд. – Ё ба оина дуруст нигоҳ карда наметавонӣ, ё оинаатон нағз набудааст! Мӯйҳои ҷингилаю заррини





туро ягон дугонаат надорад. Чашмони рӯшанакат ситораро мемонад. Рӯят ба мисоли себаки хубонист. Бинии ту монанди чинӣ. Дандонҳоят ҳамчун садаф метобанд.

Баҳ! Баҳ! Баҳ! Чанд сол аз миён мегузараду паридухтари ҳақиқӣ мешавӣ. Боз шарм накарда «ман безебам!» мегӯӣ. Ту безеб наӣ, ту парии, ҷони амак! Биё, ба хонаи мо равем, рӯятро дар оинаи мо бубин.



Амаки Ҳаким ба ҳолам намонда ба хонааш меорад. Ман худро дар оинаи ӯ мебинам. Мебинам, ки гапаш дуруст аст: мӯйҳоям ҳалқа–ҳалқаи мавҷдоранд, абрӯвонам – камоншакл, аз чашмонам шӯъла мерезад. Рухсори ҳамчун анору дандонҳои биринҷиамро тамошо мекунаму аз хурсандӣ ба куртаам намеғунҷам!

Хайрухушро бо амаки Ҳаким насия гузошта, сӯйи хонаамон медавам. Ба хона расида оинаи худамонро мебинаму дар ҳайрат мемонам: дар рӯ ба рӯям духтараки зебое истодааст ва бо шавқу ҳавас маро тамошо мекунад. Ман худро мешиносам!







**Насим РАҶАБ**

***«Ман зебоям»***

*(ҳикоя)*


Душанбе
ТҒД «Истиқбол» 2006с
хиёбони Саъдии
Шерозӣ 16

Муҳаррир: *Ҷӯра ҲОШИМӢ*
Мушовир: *Латофат КЕНҶАЕВА*
Мусаввир: *Римма ПОЛУХИНА*
Мусаҳҳеҳ: *Ганҷина МУЛЛОҶОНОВА*
Ороиш: *Римма ПОЛУХИНА*
Тарроҳ: *Компони РАҲМОНЗОД*

Б... ...ида шуд. 15 апрели соли 2006. Ба чопаш имзо шуд. 20 ...006. Теъдод. 2.500 нусха. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 4,0



200781
Китобхонаи миллии Точикистон



*Дар интишороти «Mega» (Туркиё) ба нашр расид.*